# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2026. – 40 саҳ.).**

Автореферати диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом ба яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология, яъне ба таҳлили шикори ғайриқонунӣ ва ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он бахшида шудааст. Мавзуи мазкур дар шароити муосир аҳамияти муҳим пайдо намуда, ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, нигоҳдории захираҳои табиии ҳайвонот ва таъмини иҷрои самараноки қонунгузорӣ дар соҳаи истифодаи олами ҳайвонот иртиботи зич дорад.

Муаллиф падидаи шикори ғайриқонуниро на фақат вайрон намудани талаботи истифодаи захираҳои табиӣ арзёбӣ мекунад, балки онро амале меҳисобад, ки дорои сатҳи муайяни хавфи ҷамъиятӣ буда, метавонад ба тавозуни экологӣ, гуногунии биологӣ ва манфиатҳои иқтисодии давлат таъсири ҷиддии манфӣ расонад. Дар автореферат моҳияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ин навъи ҷиноят, хусусиятҳои таркибӣ ва ҷанбаҳои криминологии он бо назардошти равандҳои муосири рушди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидаанд.

Муаллиф тавассути таҳлили меъёрҳои қонунгузории амалкунанда, мавқеъҳои олимони соҳа ва маводи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ кӯшиш намудааст, ки мушкилоти назариявӣ ва амалии вобаста ба мафҳум, таркиб ва бандубасти ҷинояти шикори ғайриқонуниро муайян ва асоснок намояд. Равиши илмии интихобшуда бо таҳлили комплексӣ ва муносибати танқидӣ фарқ карда, имконият медиҳад, ки натиҷаҳои таҳқиқот барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология аҳамияти муайян дошта бошанд.

Ҳамзамон, муаллиф қайд менамояд, ки шикори ғайриқонунӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳамчун ҷинояте баррасӣ карда мешавад, ки ба он хусусияти латентӣ хос аст. Таҳлили илмии аломатҳои таркиби ҷинояти шикори ғайриқонунӣ ва тавсифи аломатҳои бандубасткунандаи он имкон медиҳад, ки ҷинояти мазкур аз дигар кирдорҳои ҳаммонанд фарқ карда шуда, инчунин, ҳолатҳои дахлдори содиркунии он ошкор карда шаванд.

Дар автореферат истифодаи маҷмӯи васеи усулҳои илмӣ ба назар мерасад. Муаллиф аз усулҳои диалектикӣ, назариявию ҳуқуқӣ ва

муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода намуда, масъалаҳои баррасишавандаро дар робитаи мутақобила таҳлил намудааст. Чунин равиш ба муаллиф имкон додааст, ки паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии шикори ғайриқонунӣ ва хусусиятҳои криминологии онро ба таври мукаммал мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф ба таҳлили пайдарпайи мафҳум, аломатҳои таркибӣ ва хусусиятҳои ҳуқуқии ҷинояти шикори ғайриқонунӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, ҷанбаҳои баҳсталаби ин масъалаҳоро аз нигоҳи илмӣ баррасӣ кардааст. Дар натиҷа баъзе масъалаҳои назариявии марбут ба фарқгузории шикори ғайриқонунӣ аз дигар ҳуқуқвайронкуниҳои вобаста ба истифодаи олами ҳайвонот равшантар муайян гардидаанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳияшуда метавонанд дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, махсусан ҳангоми бандубасти ҷиноятҳои вобаста ба шикори ғайриқонунӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи истифодаи захираҳои табиӣ истифода шаванд. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ҷиноятҳои экологӣ аҳамияти муайян дошта бошанд.

Дар баробари баҳои умумии мусбат, метавон зикр намуд, ки баъзе масъалаҳои дар автореферат баррасишуда метавонанд мавриди муҳокимаи иловагии илмӣ қарор гиранд. Аз ҷумла, дар нуктаи дуюми ба ҳимоя пешниҳодшуда хусусиятҳои таснифоти шикори ғайриқонунӣ муайян гардидаанд, аммо робитаи мантиқии онҳо бо унсурҳои таркиби ҷиноят ба таври кофӣ равшан инъикос наёфтааст. Аз ҷумла, чунин аломатҳо, ба мисли «расонидани зарари калон» ва «истифодаи усулҳои ғайриқонунӣ», бештар ҳамчун нишонаҳои тарафи объективии ҷиноят баромад мекунанд, на ҳамчун меъёрҳои мустақили таснифот. Аз ин лиҳоз, мувофиқ мебуд, ки муаллиф зимни ҳимояи рисолаи илмии худ нисбат ба ин масаъла мавқеи худро мушаххастар иброз намояд.

Бо вуҷуди ин, бояд таъкид намуд, ки эроди зикршуда ба моҳияти асосии натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии дар автореферат инъикосёфта таъсири ҷиддии манфӣ намерасонад.

Хулоса, дар асоси таҳлили муҳтавои автореферат метавон зикр намуд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» ба талаботе, ки нисбат ба диссертатсияҳои дараҷаи илмии номзади илм

муқаррар гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад. Дар доираи он масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифта, пешниҳодҳои илмии асоснок ва амалан аҳамиятнок ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он дар самти муқовимат ба ҷиноятҳои экологӣ ироа гардидаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва
зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент Алиев Ф.Ш.

Суроға: 735417, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Роғун, Ҷамоати деҳоти Қади об,
деҳаи Қалъаи нав, хонаи 315
Тел.: (+992) 917 37 55 55
E-mail: falizoda2017@mail.ru

Имзои Алиев Ф.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

Суроғаи муассиса: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2,
Тел.: (+992) 37 234-83-46
E-mail: info@ddtt.tj

«08» 04 соли 2026